# ХУЛОСАИ ШУРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-014 НАЗДИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯ ВА ИҚТИСОДИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМИИ НОМЗАДИ ИЛМҲОИ ИҚТИСОДӢ

**Парвандаи аттестатсионии №___________**
**Қарори шурои диссертатсионӣ аз 15.12.2023, №27**

Барои сазовор донистани Ализода Ҳуснигули Соҳиб, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаҳои хизматрасонӣ (08.00.05.02 – Хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт).

Диссертатсияи Ализода Ҳуснигули Соҳиб дар мавзуи «Ҷанбаҳои ташкилию иқтисодии рушди низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаҳои хизматрасонӣ (08.00.05.02 – Хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт) дар асоси хулосаи мусбати комиссияи экспертӣ санаи 15 сентябри 2023 барои ҳимоя қабул карда шуд, суратмаҷлиси №38 Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734067, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14), ки он дар асоси фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07 январи соли 2022, таҳти №13/ш.д. таъсис дода шудааст.

Ализода Ҳуснигули Соҳиб, соли таваллудаш 18.07.1990, миллаташ тоҷик, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳоло ба ҳайси муаллими калони кафедраи иқтисодиёт ва идоракунии Донишгоҳи давлатии омӯзгорӣ ба номи С. Айни фаъолият менамояд.

Соли 2013 Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемурро аз рӯйи ихтисоси иқтисодиёти истеҳсолии аграрӣ хатм намудааст.

Аз соли 2016 то соли 2022 унвонҷӯйи кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ва аз моҳи августи соли 2022 унвонҷӯйи кафедраи иқтисодиёт ва идоракунии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ фаъолият намудааст.

Солҳои 2015-2020 ҳамчун ассистенти кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ фаъолият намудааст.

Аз моҳи августи соли 2022 инҷониб дар кафедраи иқтисодиёт ва идоракунии факултети иқтисод ва идораи Донишгоҳи давлатии омӯзгории

Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ҳамчун муаллими калони кафедра фаъолият менамояд.

Мавзуи диссертатсияи Ализода Ҳуснигули Соҳиб «Ҷанбаҳои ташкилию иқтисодии рушди низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ», дар маҷлиси Шурои олимони Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ суратмаҷлиси №8 аз 26.02.2021 сол тасдиқ шудааст.

Кори диссертатсионӣ дар кафедраи иқтисодиёт ва идоракунии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ:**

**- Азизов Шоазиз Самиевич -** номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи иқтисодиёт ва идоракунии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

**Муқарризони расмӣ:**

**- Қодирова Заррина Ҳалимовна –** доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, профессори кафедраи иқтисодиёт ва ташкили соҳибкории Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон;

**- Рашидова Дилрабохон Ҷалоловна –** номзади илмҳои иқтисодӣ, и.в. дотсенти кафедраи назарияи иқтисодӣ ва иқтисодиёти рушди Донишгоҳи технологии Тоҷикистон.

**Муассисаи пешбар -** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи менеҷмент ва маркетинги Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Ҳодиев Д.А. таҳия гардида, дар ҷаласаи кафедраи менеҷмент ва маркетинг баррасӣ ва муҳокима карда шуда (суратҷаласаи №4.1, аз 27.11.2023с.) ва аз ҷониби ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон д.и.и., профессор Хушвахтзода Қ.Х. тасдиқ шудааст, хулосаи мусбат додааст.

Дар тақриз хулоса бароварда шудааст, ки диссертатсияи Ализода Ҳуснигули Соҳиб дар мавзуи «Ҷанбаҳои ташкилию иқтисодии рушди низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ», аз рӯйи натиҷаҳои илмӣ ва амалии худ ҷавобгӯи талаботи бандҳои 31 ва 33-и "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ", ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, таҳия карда шудааст. Бинобар ин арзанда аст, ки ба муаллифи кори диссертатсионӣ Ализода Ҳуснигули Соҳиб дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаҳои хизматрасонӣ (08.00.05.02 - Хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт) дода шавад. Автореферат ва корҳои илмии нашршудаи довталаби дараҷаи илмӣ пурра мундариҷаи асосии диссертатсияро инъикос менамояд. Дар хулосаи мусбат қайд шудааст, ки довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ оид ба мавзуи диссертатсия 10 интишороти илмӣ, аз ҷумла 7 мақола дар

нашрияҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр кардааст, ки муҳтавои диссертатсияи мазкурро ифода менамояд.

**Интихоби муқарризони расмӣ** бо пешниҳоди комиссияи ташхисии шурои диссертатсионӣ, инчунин бо мавҷудияти салоҳият ва мавқеи устувор дар доираи таҳқиқи масъалаҳои бахши давлатии хизматрасониҳои иҷтимоӣ, махсусан маорифу тандурустӣ, мавҷудияти интишорот дар соҳаи мазкур ва қобилияти баҳодиҳӣ ба аҳаммияти илмию назариявии диссертатсия, ҳамчунин бо розигии шахсӣ барои пешниҳоди тақриз асоснок шудааст.

**Интихоби муассисаи пешбар** бо он асоснок карда шудааст, ки Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар самти илми дахлдор шинохташуда буда, қодир аст, ки арзиши илмӣ ва амалии диссертатсияро муайян намояд.

Довталаби дараҷаи илмӣ вобаста ба мавзуи диссертатсияи худ дар умум 10 мақолаи илмӣ, аз он ҷумла 7 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи аз ҷониби КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда ба чоп расонидааст:

**Феҳристи интишороти илмии довталаб доир ба мавзуи диссертатсия**

***Интишорот дар маҷаллаҳои тақризшаванда:***

[1-М]. Ализода Ҳ.С. Вазъи муосири рушди таҳсилоти миёнаи касбӣ / Ҳ.С. Ализода // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. Илмҳои табиӣ. 2022. № 3 (15). - С. 61-68. ISSN 2707-9996.

[2-М]. Ализода Ҳ.С. Рушди иқтисодии маълумоти миёнаи касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Ҳ.С. Ализода, Д.М. Аюбов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. Илмҳои табиӣ. 2022. № 3 (15). – С.57-61. ISSN 2707-9996.

[3-М]. Ализода Ҳ.С. Масъалаҳои рушди иқтисодии низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Ҳ.С. Ализода // Идоракунии давлатӣ. 2022. № 4/1 (58). – С. 193-205. ISSN 2664-0651.

[4-М]. Ализода Ҳ.С. Арзёбии вазъи муосири рушди низоми таҳсилоти касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон / Ҳ.С. Ализода, И.Б. Амаков // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. 2021. №3. - С. 68-76. ISSN 2413-5151.

[5-М]. Ализода Х.С. Методологические и методические вопросы оценки образовательных услуг / Х.С. Ализода // Вестник педагогического университета. 2020. № 3-4. – С. 49-57. ISSN 2707-9996.

[6-М]. Ализода Ҳ.С Арзёбии вазъи воситаҳои идоракунии равандҳои таъмини захиравии муассисаҳои таҳсилоти касбӣ / Ҳ.С. Ализода // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. 2020. № 3-4. – С.68-76. ISSN 2707-9996.

[7-М]. Ализода Ҳ.С. Рушди системаи маориф чун соҳаи афзалиятноки иқтисоди миллӣ / Ҳ.С. Ализода, Ш.С. Азизов // Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. 2016. № 2 (52). – С. 97-102. ISSN 2075-9584.

***Дар дигар нашрияҳо*:**

[8-М]. Ализода Ҳ.С. Механизмҳои идоракунии низоми таҳсилоти касбӣ. Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҳайати профессорону омӯзгорон, докторантону магистрантон ва донишҷӯёни ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ бахшида ба «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (солҳои 2020-2040)», 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 90 – солагии ДДОТ ба номи

Садриддин Айнӣ ва ба ифтихори қаҳрамони Тоҷикистон Садриддин Айнӣ.- Душанбе, 2021. - С. 63-65.

[9-М]. Ализода Х.С. Система управления качеством человеческих ресурсов / Х.С Ализода, Ш.С. Азизов, Д.Авгонзода, Дж.Гафорзода, Б.Бокилов / Материалы международной научно-практической конференции на тему: «Актуальные проблемы и перспективы развития научных исследований», г. Орлеан, Франция, 7-8 мая 2021г. [электронное здание] https://ojs.ukrlogos.in.ua/index.php/interconf/article/view/12360.

[10-М]. Ализода Х.С. Содержание и структура управления развитием системы среднего профессионального образования в профессиональной системе / Х.С. Ализода, М.Б Самиева // Материалы XX международной научно-практической конференции. г. Санк – Петербург, Россия – 16.09.2022. [электронное здание] https://ptscience.ru/conferences/conf-20/ №2582472116552.

**Ба диссертатсия ва автореферат тақризҳо ворид шуданд:**

**1. Дадоматов Д.Н. – д.и.и., дотсент, мудири кафедраи баҳисбгирии бухгалтерии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон** бо чунин эродҳо пешниҳод шудааст: 1) Хубтару беҳтар мешуд, ки унвоҷӯ дар автореферат таҳқиқоти асарҳои олимони иқтисоддони ватаниро ба пуррагӣ зери назар гирифта, пешниҳод менамуд; 2) Дар автореферат хатогиҳои хусусияти техникидошта ба назар мерасад.

**2. Ҷумъаев Б.М., д.и.и., дотсент, мудири кафедраи иқтисодиёти ҷаҳонии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон** бо чунин эрод пешниҳод шудааст: 1) Дар автореферат муаллиф омилҳои таъсиррасон ба рушди низоми таҳсилоти миёнаи касбиро нишон додааст, аммо меъёрҳои он пешниҳод нашудаанд.

**3. Досиев М.Н., н.и.и., дотсент, мудири кафедраи идоракунии молияи давлатии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон** бо чунин эрод пешниҳод шудааст: 1) Дар диссертатсия дар бораи таҳлили омилҳо ба рушди низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ мисолҳои зиёде оварда шудаанд, вале доир ба дороиҳои ғайримоддӣ, аз қабили таъмини барномаҳои компютерӣ, литсензияҳо, патентҳо ва дигар ҳуқуқҳои хизматрасонӣ иттилооти камтар ба назар мерасад, ҳол он ки дар шароити ҳозираи пешрафти илму техника ва технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ захираҳои зикршуда хеле муҳиманд.

**4. Бобоазиззода Ш.А., н.и.и., мудири кафедраи менеҷмент ва соҳибкории Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур** бо чунин эрод пешниҳод шудааст: 1) Мувофиқи мақсад мебуд, агар дар автореферат муаллиф оид ба масъалаи бо ҷойи кор таъмин ганштани хатмкунандагони муваффақ ва баландихтисоси муасиссаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ маълумоти мушаххасро таҳлил менамуд.

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, эродҳо хусусияти тавсиявӣ доранд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

- ***тафсири муаллифии*** «низоми маориф» ва «таҳсилоти касбӣ» ҳамчун бахши муҳими хизматрасонии соҳаи иҷтимоии иқтисоди миллӣ тавсиф дода шуда, таҳсилоти миёнаи касбӣ ҳамчун низоми ягона арзёбӣ гаштааст, ки дар сатҳи ҳамоҳангии унсурҳои он ниҳон аст ва дар мустақилияти нисбии низом, дар хусусияти хоси сохт ва вазифаҳои он, роҳи инфиродии рушд ифода ёфта, дар таркиб, сохтор, мақсаднокӣ муқаррар карда мешавад ва мавҷудияти тобеият байни унсурҳои низом, зинанизомӣ, мураттаб будани онҳо ***тасҳеҳ ва пешниҳод шудааст***;

- ***исбот шудааст,*** ки низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ ба қонуниятҳои умумии идоракунии низоми иҷтимоӣ ва иқтисодӣ тобеъ буда, аммо дорои хусусиятҳои хоси худ мебошад, ки бо усулҳои гузориши мақсадҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳим ва ноилшавӣ ба онҳо дар шароити мушаххаси раванди муташаккили таҳсилотӣ муайян шудаанд;

- ***нақши баланд*** бардоштани сифати хизматрасониҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар таъмини рақобатпазирии сармояи инсонӣ ва ба ин восита ба рушди иқтисодӣ асоснок шуда, ***исбот шудааст, ки*** амалӣ намудани маҷмуи тадбирҳои зарурӣ оид ба такмили низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ, дар қатори дигар омилҳо, метавонад ба таъмини рушди иқтисодии кишвар мусоидат кунад.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқот бо он асоснок карда шудааст, ки** дар таҳқиқот равишҳои мавҷуда оид ба таҳқиқи ҷанбаҳои ташкилию иқтисодии рушди низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ такмил дода шуда, низоми маориф ва таҳсилоти касбӣ ҳамчун бахши муҳими соҳаи иҷтимоии иқтисоди миллӣ арзёбӣ гардида, вижагиҳо ва проблемаҳои ташаккул ва рушди низоми мазкур ошкор, илман асоснок ва пешниҳод карда шудаанд.

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта** усулҳои гуногуни абстраксияи илмӣ, оморӣ, методҳои экспертӣ, таҳлили омилӣ ва усули экстраполятсия, ки дар таҳқиқотҳои иқтисодӣ муҳим мебошад, самаранок истифода бурда шудаанд.

- вижагиҳо, мушкилот ва қонуниятҳои умумии рушди низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ, тамоюлҳои муосири рушди низоми мазкур дар заминаи тағйироти сохторӣ дар иқтисодиёт ошкор ва асоснок карда шудаанд;

- бо истифода аз равишҳои гуногуни таҳлили иқтисодӣ ва пурсишномаҳои иҷтимоӣ омилҳои ба рушди низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ таъсиррасон ошкор ва зарурати такмили идоракунии низоми таҳсилоти касбӣ дар марҳалаи муосир пешниҳод ва асоснок карда шудааст.

**Аҳамияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешавад, ки** онҳоро ҳамчун асос барои ташаккули қарорҳои стратегӣ ва тактикии идоракунии рушди низоми

таҳсилоти миёнаи касбӣ бо мақсади дастёбӣ ба ҳадафҳои афзалиятноки рушди иҷтимоию иқтисодии мамлакат истифода бурдан мумкин аст.

- ***тавсияҳои методӣ ва амалии*** таҳиякардаи муаллиф дар раванди таълимии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ дар курсҳои таълимии “Назарияи иқтисодӣ”, “Иқтисоди таҳсилот”, “Менеҷменти инноватсионӣ”, инчунин дар таҳияи курсҳои махсуси менеҷмент дар соҳаи иҷтимоӣ истифода карда шудаанд;

- модели такмили низоми идоракунии таҳсилоти миёнаи касбӣ таҳия ва самтҳои асосии рушди инфрасохтори инноватсионӣ ва роҳҳои такмили механизми идоракунии захиравии муассисаҳои низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ асоснок карда шудааст;

- алгоритми таҳия ва амалисозии модели барномавию мақсаднок, ки аз пайдарҳамии марҳилаҳо иборат аст, пешниҳод шуда, зарурати татбиқи равишҳои барномавию мақсаднок ҳамчун усули муосири идоракунии низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ, ки ба низоми банақшагирӣ-барномасозӣ-буҷетгузорӣ асос меёбад исбот карда шудааст.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки:**

- **назарияи** сармоягузориҳо ба соҳаи маориф ҳамчун манбаи калидии зиёд кардани боигарии миллӣ ба натиҷаҳои таҳқиқоти олимони ватанӣ ва хориҷӣ мувофиқ буда, ҳамчун ҷузъи таркибии муносибати иқтисодӣ ба инсон, яъне, дар доираи консепсияи сармояи инсонӣ пешниҳод шудааст, ки дар амалияи хоҷагидории бозории кишварҳои пешрафта исботи худро ёфтааст;

- **ғоя** ба хулосаҳои дар раванди таҳқиқот бадастомада, аз ҷумла, баррасии низоми маориф ва таҳсилоти касбӣ ҳамчун бахши муҳими хизматрасонии соҳаи иҷтимоии иқтисоди миллӣ ва тадриҷан ба раванди ҷаҳонии таҳсилот шомил шуда, ба ниҳоди калонмиқёс табдил ёфтани он ки тавассути он таҳаввулоти бозории ҳаёти иҷтимоию иқтисодии ҷомеа сурат мегирад, асос ёфтааст;

- **истифодаи** механизми идоракунии рушди низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ, ки аз ҷониби муаллиф пешниҳод шудааст, ба мақсад мувофиқ буда, метавонад зимни ташаккул ва такмили маҷмуи чораҳо оид ба баланд бардоштани мутобиқатнокии механизми танзими давлатии соҳаи таҳсилоти касбӣ мавриди истифода қарор дода шавад;

- муайян карда шуд, ки натиҷаҳои сифатӣ ва миқдории таҳқиқот тавассути манбаъҳои муътамади назариявӣ ва амалӣ таъйид гардида, истинод ба адабиёти иқтибосгардида бо риояи муқаррароти мавҷуда сурат гирифтааст. Диссертатсия аз санҷиши асолати илмӣ гузашта, маълумотнома аз барномаи “Антиплагиат” сароҳатан сатҳи онро 87,38% нишон додааст.

- **Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот:** 1) дар муайян кардани ҳадаф, мавзуъ ва объекти таҳқиқот, маълум сохтани

номгӯи вазифаҳои таҳқиқот ва ҳалли онҳо, асоснок кардани заминаҳои назариявӣ ва методии таҳқиқот; 2) иштироки бевоситаи унвонҷӯ дар таҳқиқот тавассути интишори мақолаҳои илмӣ оид ба мавзуи диссертатсия, баромадҳо дар конференсияҳои илмию амалӣ ва илмӣ-назариявии сатҳи байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва минтақавӣ, инчунин дар санҷиши амалии натиҷаҳои диссертатсия; 3) иштироки шахсии унвонҷӯ дар ҷамъоварии маълумот, коркарди онҳо, тафсир, таҳлил ва банизомдарорӣ дар тамоми марҳилаҳои омӯзиш, таҳияи тавсияҳои амалӣ оид ба истифодаи ин маводҳо, таҳқиқоти таҷрибаи кишварҳои пешқадами дунё ҷиҳати истифодаи амалии онҳо дар таҳкими механизми ташкилию иқтисодии рушди низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ зоҳир мегардад.

Шурои диссертатсионӣ ба хулоса омад, ки таҳқиқоти диссертатсионии Ализода Ҳуснигули Соҳиб дар мавзуи «Ҷанбаҳои ташкилию иқтисодии рушди низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ», кори мустақилона анҷомшудаи илмӣ ва тахассусӣ маҳсуб ёфта, дорои мубрамӣ, навгониҳои илмӣ ва аҳамияти назариявию амалӣ мебошад ва дар таҳкими асосҳои консептуалӣ ва ташкилию иқтисодии рушди низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ саҳм гузошта, имкон медиҳад, ки масоили ҳалталаби соҳа ҳаллу фасл гарданд. Диссертатсия ба бандҳои 1; 2; 4; 5; 6; 7; 9 ва 18 Шиносномаи ихтисосҳои илмии КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаҳои хизматрасонӣ (08.00.05.02 – Хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт) мувофиқат мекунад.

Дар маҷлиси Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 аз санаи 15.12.2023 қарори сазовор донистани **Ализода Ҳуснигули Соҳиб** ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар маҷлиси шурои диссертатсионӣ аз 15 нафар аъзои шуро 13 нафар, аз ҷумла, докторони илм 10 нафар, мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда 5 нафар иштирок доштанд. Овоз доданд: ба тарафдории додани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ овоз доданд: тарафдор - 13 нафар, муқобил - нест, бетараф - нест, бюллетени беэътибор – нест.

**Раиси шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор** **Фақеров Ҳ. Н.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои иқтисодӣ** **Убайдуллоев Ф.К.**

**15 декабри соли 2023.**